HZTTRMY
HOZIRGI ZAMON TA'LIM-TARBIYA TIZIMINI RIVOJLANTIRISH: MUAMMO VA YECHIMLAR"
XALQARO ILMIY-AMALIY KONFERENSIYA
DENOV, 16-OKTABR 2025 YIL
in-academy.uz

# ҶОЙИ ТАРБИЯ ДАР ҲАЁТИ ИМРӮЗАИ НАСЛИ НАВРАС

**Рамазонова Азиза Амонулла қизи**
Донишкадаи соҳибкорӣ ва педагогикаи Деҳнав Факултети педагогика равияи таҳсилоти ибтидоӣ, донишҷӯи соли чоруми гурӯҳи 6-БТ.
Email: saidqulovamaftuna@2gmail.com
+998952798007
https://doi.org/10.5281/zenodo.17347090

**Анотатсия:** Мақолаи мазкур дар бораи тарбия ва аҳамияти он дар ҳаёти имрӯзаи насли наврас мебошад. Дар бораи тарбия фикрҳои донишмандон чи гуна аст ва еҷодиёти даҳонакии халқро дида мебароем.

**Вожакалимаҳои калиди:** Тарбия, ақл-идрок, қобилият, педагог, метод, кӯдак, фард.

**Аннотация:** Данная статья посвящена образованию и его значению в современной жизни подрастающего поколения. Мы рассмотрим мнения ученых об образовании и устном творчестве народа.

**Ключевые слова:** Образование, интеллект, способности, учитель, метод, ребенок, личность.

**Annotation:** This article is about education and its importance in today's life of the younger generation. We will look at the opinions of scholars about education and the oral creativity of the people.

**Key words:** Education, intelligence, ability, teacher, method, child, individual.

Пеш аз он, ки мо дар бораи тарбия сухан гӯем аввало чи будани онро донистанамон лозим аст. Тарбия ин  раванди бошуурона ва мақсадноки ба воя расондани бачагон аз тарафи падару модар, муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, ҷомеа мебошад, ки дар асоси ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синну солӣ, психологӣ ва фардии бачагон ба амал баровstyle мешавад.

Бисёртар кӯдак дар оила аз падару модар тарбияи асосиро мегирад. Падару модар чи гуна бошад фарзанд ҳам ба монанди онҳо мешавад. Ба ибораи дигар, тарбияи фарзанд маънои ба ӯ омӯзонидани ҳама гуна масъалаҳоеро дорад, ки зиндагии ӯро аз ҳар ҷиҳат шарт мегузоранд. Барои тарбияи хуби кӯдакон, бояд масъалаҳои муҳим, аз қабили устуворӣ, ҳамдардӣ, ҳамбастагӣ, қобилияти идора кардани рӯҳафтодагӣ ва бисёр чизҳои дигар ба назар гирифта шаванд.

Чараёни тарбия – ҷараёнест, ки мо худро ба ҷомеа мувофиқ мегардонем, ба ҳаёт тайёр мекунем, ба ҷомеа фоида меорем ва талаботи худро низ қонеъ мегардонем. Дар ҷараёни тарбия дар бисёр мавридҳо зарурати аз нав тарбия кардан, ислоҳот дар муносибат, муомилот пеш меоянд. Одатан дараҷаи баланди ҷараёни тарбия ба худтарбиякунӣ мебарад, ки он барои ташаккули шахс мадад мерасонад. Дар мактабҳо бошад педагогҳо барои тарбияи кӯдак масъул мебошанд. Онҳо бояд аз ҳар гуна методҳо истифода бурда ба хонандагон таълиму тарбия доданашон лозим аст. Педагогҳо бояд бо ҳар як кӯдак алоҳида кор бурда аз ҳар ҷиҳат маҳорат, қобилияти онҳоро намоён карданашон лозим.Татбиқи қобилиятҳои зеҳнии талабагон донистани амиқи қонуниятҳои психологию педагогии фаъолияти таълимии онҳоро талаб мекунад.Тарбия ба тарбиятгар вобастагии калон дорад, чунки роли роҳбар ба тарбия дар ӯҳдаи ӯст.

Бе мураббӣ зери гардун муътабар натвон шудан,
Моҳи навро рафта-рафта чарх оламгир кард.

Мероси илмии гузаштагон гаронбаҳотарин мероси фитрии миллат аст, ки маҳз нури пурзиёи он роҳи фард ва ҷомеъаи башариятро барои дарки ҳастии хеш ва худошиносиву хештаншиносӣ ва худшиносии миллӣ мунаввар месозад ва барои фатҳи қуллаҳои баланди ормонҳои олии милливу башарӣ қудрат ва нерӯ мебахшад. Вақти он аст, ки ҷавонони мо аҳли ҷомеаи худро хуб шиносанд, Худоро шиносанд, башарро ва тамаддунҳоро шиносанд, гузаштаро шиносанд, бузургони худу гузаштагони худ ва таърихи худро шиносанд, яъне то ба Ислом ва баъди Ислом, то кунун миллати худро бишносем ва абармардони оламро бишносем, яъне аз паӣи пирони хирад роҳ паӣмоем ва адабу ҳунар омӯзем.

Барои тарбия эҷодиёти даҳонакии халқ ҳам аҳамияти калон дорад. Масалан, ҳикояҳо, афсонаҳо, достонҳои тарбияви, шеърҳо, сурудҳои миллӣ ва ғайраҳо мебошанд. Инҳо миллигии халқро ифода мекунад ва кӯдаконро дар рӯҳияти миллиги тарбия мекунад. Дар ин ҷараён дар кӯдакон ҳурмат ба қадриятҳои миллӣ, хислатҳои ватанпарварӣ пайдо мешавад.

Хоки Ватан аз тахти Сулаймон хуштар,
Хори Ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳи мекард,
Эй кош гадо буди ба канъон хуштар.

Ду дарвеши хуросонӣ мулозими сӯҳбати якдигар сафар карданд. Яке заиф буд, ки ба ду шаб ифтор кард ва дигаре қавӣ буд, ки рӯзе се бор хӯрд. Қазоро бар дари шаҳре ба тӯҳмати ҷосусӣ гирифтор омаданд. Ҳар дуро ба хонае ба кандани гил бурданд. Баъд аз ду ҳафта маълум шуд, ки бегуноҳанд. Қавиро диданд мурда ва заиф ҷон ба саломат бурда. Дар ин аҷаб монданд. Ҳакиме гуфт: -Хилофи ин аҷаб будӣ. Он яке бисёрхӯр буд, тоқати бенавой наёвард, ба сахтӣ ҳалок шуд ва ин дигар хештандор буд, лоҷарам бар одати хештан сабр кард ва ба саломат Чукам хӯрдан табиат шуд касеро Чусахтӣ иешашоядсахт гирад. В-агар танпарвар аст, андарфарохӣ Чу тангӣ бинадаз сахтӣ бимирад. (Муҳаммад Авфӣ)

## Адабиётҳои истифодашуда:

1.Каримов. ІА Орзуи насли комил. -Т.: Концерни нашриёт-матбааи «Шарк». 2008. 144 сахифа.
2.Каримов И.А. Насли комил пояи рушди Узбекистон аст. -Т.: Нашриёти Шарк — Концерни Мабаа. 2007. -63 с.
3.Мавлонова Р.А., Воҳидова Н.Х., педагогикаи иҷтимоӣ. -Т: Нашриёти «Истиқлол». 2009. 144 саҳифа.
4.www.Zionet.uz